## ШКАЛАБАНДӢ ЧИСТ?

Дар низоми ИМД шкалабандии холҳо истифода мешавад, ки мақсади асосии он баргардонидани холҳои бадастовардаи довталабон аз ҳар субтест ба шкалаи мувофиқ дар намуди балҳо мебошад. Шкалабандии натиҷаҳои имтиҳонҳо бо истифодаи усули протсентилҳо (ченаки ҷойгиршавии довталабон ё тақсимоти онҳо нисбат ба якдигар) ба роҳ монда мешавад.

Шкалабандии холҳо дар доираи ҳар субтести алоҳида вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо сурат гирифта, ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо тартиб дода шуда, дар сомонаи Марказ нашр карда мешавад.

Масалан, дар ИМД-2014 ҷадвали мувофиқати холҳо ба балҳо аз субтести "Забони тоҷикӣ"-и имтиҳони қисми А (тести умумӣ) барои гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – "Табиӣ ва техникӣ" чунин буд:

Ҷадвали 10.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – "Табиӣ ва техникӣ"**
**Субтести А1 – "Забони тоҷикӣ"**

| Хол | Бал (протсентил) |
|---|---|
| 0 | 0,2094 |
| 1 | 0,3916 |
| 2 | 0,6648 |
| 3 | 0,9835 |
| 4 | 1,5481 |
| 5 | 2,2128 |
| 6 | 3,1872 |
| 7 | 4,3893 |
| 8 | 5,8645 |
| 9 | 7,3762 |
| 10 | 9,0335 |
| 11 | 10,6180 |
| 12 | 12,3300 |
| 13 | 13,9874 |
| 14 | 15,8086 |
| 15 | 17,2019 |
| 16 | 18,8320 |
| 17 | 20,4984 |
| 18 | 22,2195 |
| 19 | 23,7858 |
| 20 | 25,4614 |
| 21 | 27,2189 |
| 22 | 29,0948 |
| 23 | 30,9252 |
| 24 | 32,8922 |
| 25 | 34,7681 |
| 26 | 37,1175 |
| 27 | 39,4123 |
| 28 | 41,7436 |
| 29 | 44,0930 |
| 30 | 46,6792 |
| 31 | 49,1653 |
| 32 | 51,8789 |
| 33 | 54,4378 |
| 34 | 56,9148 |
| 35 | 59,3735 |
| 36 | 61,8049 |
| 37 | 63,7719 |
| 38 | 65,8299 |
| 39 | 67,5965 |
| 40 | 69,3723 |
| 41 | 70,9477 |
| 42 | 72,2408 |
| 43 | 73,3244 |
| 44 | 73,9983 |
| 45 | 74,6175 |
| 46 | 74,8543 |
| 47 | 74,9636 |
| 48 | 75,0000 |

НАМУНА

Мувофиқи тартиби муқарраргардида барои ҳар субтест бали ҳадди аксар муайян шудааст, ки вобаста ба он дар раванди шкалабандии холҳои ҳар субтест шкалаҳои мувофиқ истифода мешавад. Масалан, барои қисми А шкалаҳои 50-балӣ ва 75-балӣ чунин истифода мешавад: барои субтестҳои 1-ум ("Забони тоҷикӣ") ва 3-юм ("Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ") шкалаи 75-балӣ ва барои субтести 2-юм ("Математика") шкалаи 50-балӣ.

Аз 3 субтести қисми Б довталаб метавонад дар маҷмӯъ 300 балро ба даст орад. Таносуби бали имконпазири ҳадди аксар барои субтестҳои имтиҳони қисми Б вобаста ба фанни асосии имтиҳони ихтисос дар доираи гурӯҳи ихтисосҳо метавонад гуногун бошад. Масалан, барои ихтисосҳои тиббӣ, ки дар гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум – "Тиб, биология ва варзиш" дохиланд, таносуби бали имконпазири ҳадди аксар ва ё ба ибораи дигар, вазни субтестҳо метавонад чунин бошад: субтести химия – 40% (120 бал), субтести биология – 40% (120 бал) ва субтести физика – 20% (60 бал).

Таносуби бали имконпазири ҳадди аксар – вазни ҳар як субтест вобаста ба фанҳои имтиҳонии қисми Б дар мувофиқа бо муассисаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, довталаб дар натиҷаи бомуваффақият супоридани ИМД метавонад бали ҳадди аксари 500-ро – 200 бали ҳадди аксар барои қисми А ва 300 бали ҳадди аксар барои қисми Б ба даст орад.

| ! | **Довталаб бе истифода аз ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо наметавонад холҳои бадастовардаашро ба балҳо баргардонад.** |
| --- | --- |